## Тақриз

**ба диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур аспиранти хатмкардаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа.**

Мавзӯе, ки диссертант Калонзода Фаридун Иброҳимпур интихоб намудааст аз муҳимтарин мавзӯҳои рӯз ба ҳисоб рафта, он аслан ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти Ибни Сино ва сатҳи омӯзиши он аз ҷониби синошиносони муосир бахшида шудааст.

Муҳиммияти мавзӯъ дар он аст, ки афкори натурфалсафаи Ибни Сино, аз як тараф, эҳтиёҷ ба шарҳу тавзеҳоти иловагӣ доранд, аз ин рӯ, таҳлили онҳо имкон медиҳад, ки саҳми мутафаккирони ҷаҳониро дар фаҳмиши моҳияти ҳастии олам, табиат ва инсон муайян намоем, аз тарафи дигар, бо мақоми волои фалсафа ҳамчун майдони муборизаҳои ғоявӣ ва табодули афкори халқҳои гуногуни олам аз наздик шинос шавем.

Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт таваҷҷӯҳи инсониятро аз давраҳои қадимтарини таърихӣ ба худ ҷалб намуда, дар ҳама давраҳо бо тарзу роҳҳои гуногун таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Аммо таълимоти пешиниён дар бораи ҳаракат, фазо ва вақт бояд дар партави комёбиҳои илми муосир баррасӣ ва тавсиф дода шаванд.

Инсони муосир асрори масъалаҳо ва муаммоҳои ҷовидонаи ҳастиро ҳанӯз ҳам дар осори мутафаккирони гузашта ва бахусус мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ аз қабили Афлотун, Арасту ва Ибни Сино ҷустуҷӯ менамоянд, аз ин рӯ, гуфта метавон, ки таваҷҷӯҳи донишмандон дар ҳама давру замонҳо нисбат ба мероси ҷовидонаи онҳо дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Осори онҳо ҳамчун манбаъи муҳими афкори амиқи фалсафӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии мутафаккирон ва муҳаққиқони муосир саҳми баҳснопазир бозидаву ҳоло ҳам бозида истодаанд. Махсусан, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ таваҷҷӯҳи бештар ба омӯзиши осори фалсафии Ибни Сино пайдо гардид ва рисолаи баррасишуда низ яке аз самтҳои омӯзиши афкори фалсафии Ибни Сино, аз ҷумла, натурфалсафаи ӯ мебошад.

Рисолаи мазкур ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи фалсафаи тоҷик, яъне ба таълимоти натурфалсафаи Ибни Сино ва пайравони ӯ бахшида шудааст. Илова бар ин бо таассуф бояд қайд кард,

ки таҳқиқот оид ба “Физика”-ҳои Арасту ва Ибни Сино ҳанӯз ниҳоят кам ба назар мерасанд. Шояд сабаби ба онҳо камтар таваҷҷӯҳ додани муҳаққиқон дар он бошад, ки масалан, асарҳои Ибни Сино бештар ба забони арабӣ таълиф шуда, замони тӯлоние мавриди истифодаи муҳаққиқони муосири тоҷик қарор надоштанд, аз ин рӯ, дарк ва фаҳмиши забони онҳо мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меовард. Аммо хизмати таърихие, ки “Маркази синошиносӣ ”-и Институти фалсафа дар тӯли се даҳсолаи охир дар самти тарҷума ва нашри осори Ибни Сино бо забони тоҷикӣ ва бо ҳуруфи криликӣ кардааст, дар ҳақиқат ҳам шоён ва сазовори ҳама таҳсину офаринҳост. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки омӯзиши ҷиддии осори Ибни Сино акнун оғоз меёбад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза омӯзиш ва таҳқиқи илмии натурфалсафаи Ибни Сино (махсусан, масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт) аз ҷониби Калонзода Фаридун Иброҳимпур хело ҳам муҳим буда, асосҳои онтологии ин таълимот дар фалсафаи муосир актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Рисолаи тақризшаванда, ки аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёт иборат буда, фарогири масоили хосиятҳои ҳастӣ дар афкори фалсафии Ибни Сино инъикос ёфтааст. Ин рисола дар ҳаҷми 152 саҳифа таҳия гардида, дар худ зарфиятҳои зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии муҳаққиқро дар бар мегирад.

Рисолаи илмие, ки муҳаққики ҷавон кӯшишҳои аввалини худро барои ворид шудан ба фазои илмӣ таҳия кардааст, хело ҷолиб ба назар мерасад. Муҳаққиқ дар асоси омӯхтан ва таҳлилу таҳқиқи сарчашмаҳо тавонистааст рисоларо дар шакли зарурӣ ба анҷом расонад.

Диссертатсия аз ҷиҳати мантиқию услубӣ ва имлоӣ, инчунин банду баст ва системанокӣ ба талаботҳои лозима ҷавобгӯ мебошад. Ҳар як қисмати он бо марҳилаҳои муаяйншуда дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ арзёбӣ шудааст. Ҳадафи асосии дар пешгузоштаи муаллиф иҷро гардидааст ва рисолаи мазкур ба таври умумӣ ҷамъбасти худро ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи **«Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино»** кори илмии анҷомёфта буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Дар умум кори диссертатсионии Калонзода Ф.И. дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 20.11.2016 № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи

он Калонзода Ф.И. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – тахрихи фалсафа (6D020100-фалсафа) мебошад.

**Роҳбари илмӣ: д.и.ф.,**
**профессори кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати**
**факултети фалсафаи ДМТ______________Зиёев И.Ғ.**

**Имзои д.и.ф., профессор**
**Зиёев И.Ғ-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ:________________Тавқиев Э. Ш.**